*«Маориф ва маданият»,*
*16 сентябри 1965, с. 3.*
*Дар бораи Абулмуайяди Балхӣ.*

**Хаёлоти дурпарвоз**

Саромадони маданияти халқамон бисёр масъалаҳои илмӣ, зиндагӣ ва иҷтимоиро хеле барвақт пешгӯӣ кардаанд; аз дараҷаи илму тамаддуни замони худ хаёлан асрҳо пеш рафтаанд. Суханони ҳакими бузург Ибни Сино дар бораи шифо ёфтани одам, пешгӯиҳои Ҷомӣ дар бораи ҷамъияти инсонии бешоҳу гадо имрӯзҳо ҷомаи амал пӯшидаанд ва ё ба ҳақиқат табдил ёфта истодаанд…

Абдулмуайяди Балхӣ аз ҷумлаи аввалин нависандагони тоҷикзабон мебошад, ки дар замони сомониён зиндагӣ ва эҷод кардааст. Муаллифони бисёр сарчашмаҳои адабӣ ин шахсро ҳамчун адиби забардаст, офарандаи чандин асари хурду калон ба қалам додаанд. Дар ҳақиқат, Абдулмуайяд асарҳои зиёде офаридааст. Ӯ дар мавзӯъҳои афсонавию қаҳрамонӣ «Шоҳнома»-и худро эҷод мекунад, ки он аз назму наср иборат аст: «Китоби Гаршосп»-и ӯ ба асари машҳури Асадии Тӯсӣ - «Гаршоспнома» ҳамчун сарчашма хизмат мекунад; адабиётшиноси забардасти тоҷик Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Абдулмуайядро чун шоири забардаст тавсиф карда, аз шеърҳои нағзи ӯ намуна меорад.

Абдулмуайяд асари хеле шавқовари «Аҷоиби барру баҳр» (номи дигараш «Аҷоиб-ул-булдон»)-ро низ навиштааст, ки он дар бораи ҷуғрофия, таърих, иқлими бисёр шаҳру кишварҳо маълумоти қиматбаҳо ва диққатангез медиҳад.

Абдулмуайяд забони паҳлавӣ ва асарҳои давраи паҳлавии адабиёти тоҷику форсро ба хубӣ медонист. Ӯ аз қиссаҳои «Ёдгори ҷарирот», «Дарахти Асурик» ва ғайра хеле нағз дарак доштааст…

Бадбахтона, аз осори бои ин нависандаи тавоно ба ҷуз нусхаи нопурраи «Аҷоиби барру баҳр» ва чанд порчаи дигар, ки дар «Таърихи Систон» барин асарҳои адабию таърихӣ оварда шудаанд, боқӣ намондаанд. Асарҳои Абдулмуайяд ба мисли осори бисёр нависандагони дигар дар натиҷаи ошӯбҳои сершумори таърихӣ, ки ба сари мардум меомаданд, нобуд шудаанд.

Ҳоло ба ворисони арҷманди Абдулмуайяд нақлеро аз китоби «Аҷоиби барру баҳр»-и ӯ пешкаш менамоем. Ҳарчанд аз давраи навишта шудани асар ҳазор сол гузаштааст, аммо забони он имрӯз ҳам ба хонандагон хеле хуб фаҳмост. Ба ҳамин сабаби соддагию равониаш ин порчаро бе ягон дигаргунӣ чоп мекунем.

***

Чунин гӯяд Абумутеи Балхӣ, ки дар Ҳиндустон дарахтест бар сари кӯҳе дар миёни дарё. Ва миёни он дарахт чиҳил дар хонаасту даҳ дар дӯкон.

Аз ситабрӣ[1] он дарахту он дӯконҳо ҳамеша пури матоъҳо ва қумошҳост[2] гуногун. Ва бар ҳар матое баҳои он навишта, то ҳар кас, ки матое хоҳад, бихарад ва ҳар ҷинсе бичинад.

Ван он ҷо ҳеҷ мардум[3] набошад, чунончи эшонро бубинанд.

Чун киштӣ он ҷо расад, бидоранд ва дар он дӯконҳову хонаҳо раванд. Ва нархҳо бархонанд, баҳо барсанҷанд ва он матоъ бардоранду бираванд.

Ва ҳаргиз кас он ҷо бечора надидааст.

Ва агар касе чизе баргираду баҳо надиҳад, аз миёни дарахт берун натавонад омадан. Ва ҳарчанд ки гарданд, роҳи берун омадан наёбанд.

Чун матоъро боз ба ҷо ниҳанд, ё баҳои он, роҳ ёбанд ва берун оянд; ва ин сахт аҷаб аст».

**М. РАҲИМ.**

---

[1] Ситабр - ғафс; зичӣ.
[2] Қумош - бофта, газвор, матоъ.
[3] Ҳеҷ кас.

# ХАЁЛОТИ ДУРПАРВОЗ

Саромадони маданияти халқамон бисьёр масъалаҳои илмӣ, зиндагӣ ва иҷтимоиро хеле барвақт пешгӯӣ кардаанд; аз дараҷаи илму тамаддуни замони худ хаёлан асрҳо пеш рафтаанд. Суханони ҳакими бузург Ибни Сино дар бораи шифо ёфтани одам, пешгӯиҳои Ҷомӣ дар бораи ҷамъияти инсонии бешоҳу гадо имрӯзҳо ҷомаи амал пӯшидаанд ва ё ба ҳақиқат табдил ёфта истодаанд...

Абдулмуайяди Балхӣ аз ҷумлаи аввалин нависандагони тоҷикзабон мебошад, ки дар замони сомониён зиндагӣ ва эҷод кардааст. Муаллифони бисьёр сарчашмаҳои адабӣ ин шахсро ҳамчун адиби забардаст, офарандаи чандин асари хурду калон ба қалам додаанд. Дар ҳақиқат, Абдулмуайяд асарҳои зиёде офаридааст. Ӯ дар мавзӯъҳои афсонавию қаҳрамонии «Шоҳнома»-и худро эҷод мекунад, ки он аз назму наср иборат аст: «Китоби Гаршосп»-и ӯ ба асари машҳури Асадии Тӯсӣ —«Гаршоспнома» ҳамчун сарчашма хизмат мекунад; адабиётшиноси забардасти тоҷик Муҳаммад Авфии Бухорой дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Абдулмуайядро чун шоири забардаст тавсиф карда, аз шеърҳои нағзи ӯ намуна меорад.

Абдулмуайяд асари хеле шавқовари «Аҷоиби барру баҳр» (номи дигараш «Аҷоиб-ул-булдон»)-ро низ навиштааст, ки он дар бораи ҷуғрофия, таърих, иқлими бисьёр шаҳру кишварҳо маълумоти қиматбаҳо ва диққатангез медиҳад.

Абдулмуайяд забони паҳлавӣ ва асарҳои давраи паҳлавии адабиёти тоҷику форсро ба хубӣ медонист. Ӯ аз қиссаҳои «Ёдгори ҷарирот», «Дарахти Асурик» ва ғайра хеле нағз дарак доштааст...

Бадбахтона, аз осори бои ин нависандаи тавоно ба ҷуз нусхаи нопурраи «Аҷоиби барру баҳр» ва чанд порчаи дигар, ки дар «Таърихи Систон» барин асарҳои адабию таърихӣ оварда шудаанд, боқӣ намондаанд. Асарҳои Абдулмуайяд ба мисли осори бисьёр нависандагони дигар дар натиҷаи ошӯбҳои сершумори таърихӣ, ки ба сари мардум меомаданд, нобуд шудаанд.

Ҳоло ба ворисони арҷманди Абдулмуайяд нақлеро аз китоби «Аҷоиби барру баҳр»-и ӯ пешкаш менамоем. Ҳарчанд аз давраи навишта шудани асар ҳазор сол гузаштааст, аммо забони он имрӯз ҳам ба хонандагон хеле хуб фаҳмост. Ба ҳамин сабаби соддагию равониаш ин порчаро бе ягон дигаргунӣ чоп мекунем.

* * *

Чунин гӯяд Абумутеи Балхӣ, ки дар Ҳиндустон дарахтест бар сари кӯҳе дар миёни дарьё. Ва миёни он дарахт чиҳил дар хонаасту даҳ дар дӯкон.

Аз ситабрӣ[1] он дарахту он дӯконҳо ҳамеша пури матоъҳо ва қумошҳост[2] гуногун. Ва бар ҳар матое баҳои он навишта, то ҳар кас, ки матое хоҳад, бихарад ва ҳар ҷинсе бичинад.

Ван он ҷо ҳеҷ мардум[3] набошад, чунончи эшонро бубинанд.

Чун киштӣ он ҷо расад, бидоранд ва дар он дӯконҳову хонаҳо раванд. Ва нархҳо бархонанд, баҳо барсанҷанд ва он матоъ бардоранду бираванд.

Ва ҳаргиз кас он ҷо бечора надидааст.

Ва агар касе чизе баргираду баҳо надиҳад, аз миёни дарахт берун натавонад омадан. Ва ҳарчанд ки гарданд, роҳи берун омадан наёбанд.

Чун матоъро боз ба ҷо ниҳанд, ё баҳои он, роҳ ёбанд ва берун оянд; ва ин сахт аҷаб аст».

**М. РАҲИМ.**

[1] *Ситабр — ғафс; зичӣ.*

[2] *Қумош—бофта, газвор, матоъ.*

[3] *Ҳеҷ кас.*